## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзӯи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити муосири рушди давлати ҳуқуқбунёд ва такмили механизмҳои таъмини волоияти қонун, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Татбиқи воқеии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ гардонидани онҳо бе иштироки фаъол ва босифати мақомоти давлатӣ ғайриимкон мебошад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура, ки ҳамзамон дорои вазифаҳои назоратӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошад, саривақтӣ ва мубрам мебошад.

Муаллиф фаъолияти прокуратураро ҳамчун унсури калидии низоми давлатӣ таҳлил намудааст, ки дар раванди таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ нақши муассир дорад. Мақомоти прокуратура вазифадори ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин манфиатҳои ҷамъият ва давлат мебошад. Прокуратура бо истифода аз ваколатҳои назоратӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳамчунин таъмини иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳоро дар сатҳи миллӣ таъмин менамояд. Муаллиф таъкид мекунад, ки прокуратура на танҳо воситаи назоратӣ, балки субъект ва амаликунандаи мустақими ҳуқуқ мебошад, ки дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ нақши фаъол дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар прокуратура аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Омӯзиши чунин фаъолият имкон медиҳад, ки на танҳо самти назоратӣ, балки механизмҳои татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ низ пурра таҳлил ва ба талаботи муосири ҷомеа мутобиқ гардонида шаванд. Муаллиф бо такя ба таҷрибаи

муқоисавӣ, омӯзиши қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти прокуратура дар таҳкими пояҳои давлати ҳуқуқбунёд ва таъмин намудани волоияти қонун аҳаммияти калидӣ дорад.

Ҳамзамон, таҳқиқот нишон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти прокуратура ба сатҳи омодагии касбӣ, масъулиятшиносӣ, шуури ҳуқуқӣ ва эътимоди кормандон ба қонунгузорӣ вобастагии зич дорад. Муаллиф чунин назар дорад, ки таҳлили ҷузъҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба ҳамоҳангсозии механизми татбиқи қонун ва такмили заминаҳои меъёрии он мусоидат мекунад, ки дар ниҳоят ба баланд бардоштани сифати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ҳифзи манфиатҳои давлат оварда мерасонад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва таъсири он ба низоми ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки фарқияти миёни фаъолияти назоратӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ ба таври равшан муайян карда шавад, механизмҳои татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ такмил ёбанд ва фаъолияти мақомоти прокуратура бо талаботи муосири ҷомеа ҳамоҳанг гардонида шавад. Ин омилҳо мубрамияти мавзуи таҳқиқотро таъкид намуда, зарурати омӯзиши ҷиддӣ ва илмии онро собит месозанд.

Муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи мавриди таҳқиқро бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ, аз ҷумла таҳлили муқоисавии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, омӯзиши васеи адабиёти илмии ҳуқуқӣ, таҳлили амалияи мақомоти прокуратура ва дигар сохторҳои давлатӣ, таҳлил намудааст.

Дар натиҷа, навовариҳои асосии таҳқиқот ба инҳо равона шудаанд:

- равшан намудани мақоми прокуратура дар механизми татбиқи қонун ва ҷудо намудани функсияҳои назоратӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ;
- нишон додани муносибати мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти иҷроияи давлатӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ;

- таҳлили таҷрибаи амалии татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ ва пешниҳоди усулҳои такмили он;
- пешниҳод кардани тавсияҳои мушаххас оид ба такмили заминаҳои меъёрии фаъолияти прокуратура, ки ба баланд бардоштани самаранокии амалии он мусоидат менамояд.

Муаллиф дар хулоса ва пешниҳодҳои илмиаш натиҷаҳои нави илмӣ пешниҳод намудааст, ки барои фаҳмидани хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва назоратӣ, инчунин такмили механизми татбиқи қонун аз тарафи прокуратура аҳамияти калидӣ доранд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, дар диссертатсия як қатор ҷанбаҳо ба тавзеҳи иловагӣ ниёз доранд. Муаллиф фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва назоратро дар баъзе мавридҳо ҳаммаъно ё қариб яххела шарҳ додааст. Ба андешаи тақриздиҳанда, ин метавонад баҳснок бошад, зеро назорати прокурорӣ дорои хусусияти ҳуқуқии хоси худ буда, на ҳамеша ба қабули санади мустақими татбиқи ҳуқуқ меанҷомад. Дар бисёр ҳолатҳо назорат ба ошкорсозӣ ва эътироз нисбат ба қонуншиканиҳо равона мешавад, ва татбиқи ниҳоии меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби дигар мақомоти ваколатдор амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, мувофиқ мебуд, ки фарқияти равшан ва таносуби байни фаъолияти назоратӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ амиқтар таҳлил гардад ва меъёрҳои ҷудокунии онҳо равшан пешниҳод шаванд. Ҳамзамон, муаллиф дар яке аз навовариҳои худ механизми баҳогузории иҷрои ҷазои корҳои ҳатмиро бо истифода аз меъёрҳои ахлоқӣ, интизомӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод намудааст. Барои пурра фароҳам овардани асоснокии илмӣ зарур аст, ки масъалаи ин механизми баҳогузорӣ бо назардошти нақши прокуратура ва самти ҳуқуқӣ бештар тавзеҳ дода шавад.

Таҳқиқоти Набизода Набӣ Мирзонаим мукаммал ва ҳамаҷониба буда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва назорати прокурорро фаро мегирад. Муаллиф тавонистааст пешниҳодҳои мушаххас ва амалишавандаро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани

самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура ва таҳкими заминаҳои меъёрӣ таҳия намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун асоси боэътимоди илмӣ барои такмили фаъолияти прокуратура, таҳкими волоияти қонун ва баланд бардоштани сифати санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ хизмат намоянд.

Бо дарназардошти ҳамаи гуфтаҳои боло, автореферати диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, № 295), тасдиқ гардидааст, мутобиқ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Давлатзода К.Д.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов 31, хонаи 6
E.mail: komron231823@gmail.com
Тел: корӣ 221-06-10
Мобилӣ 93-823-18-23

Имзои Давлатзода К.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.
«28» 02 2026

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42. Тел.: +992 (37) 223-06-10; E.mail: dushanbe80@yahoo.com